**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ). Душанбе, 2025**

Илми забоншиносӣ дар даврони муосир дар ҳоли рушду густариш қарор дошта, ҳамвора дар баробари дигар масъалаҳо мавзуву самт ва нуктаҳои нав дар он падид ёфта, таваҷҷуҳи зиёди коршиносону донишмандонро ба худ ҷалб намудааст.

**Муҳиммияти мавзуъ таҳқиқот** дар он аст, ки дар илми забоншиносӣ майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи муқоисавӣ таҳлили амиқ наёфта, таҳқиқоти мазкур барои равшан намудани ин масъала бахшида шудааст. Чуноне ки қайд гардидааст дар замони муосир таҳқиқи масъалаҳои омӯзиши калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот аз дидгоҳи забонию фарҳангӣ ва мантиқӣ барои боз ҳам равшантару мушаххастар дарк намудани хусусиятҳои милливу фарҳангии намояндагони халқиятҳои гуногун муҳим мебошад.

**Мазмун ва мухтавои таҳқиқоти диссертатсионии** мазкур ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) муаофиқ буда, дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиши системавӣ, комплексӣ, муқоисавӣ, сохторӣ, луғавӣ–семантикӣ ва морфологии калимаҳое, ки «тааҷҷуб/surprise»-ро ҳамчун як намуди эҳсосот дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ ифода мекунад, ташкил медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** чунин арзёбӣ шудааст, ки дар натиҷаи таҳқиқоти вожаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ як қатор шабоҳат ва тафовутҳо ошкор шудаанд.

Инчунин, дар низоми луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори аввал мавзуи омӯзиши жарфтари низоми қиёсию типологӣ қарор мегирад, ки дар он хусусиятҳои луғавӣ–маъноӣ ва сохторӣ– грамматикии лексикаи забонҳои мавриди омӯзиш ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо баррасӣ мешавад. Бори аввал хусусиятҳои муқоисавию типологии «тааҷҷуб/surprise» дар таркиби луғавии забонҳои муқоисашаванда нишон дода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки бори нахуст аз ҷониби диссертант дар илми забоншиносии муосири тоҷик майдони луғавиву

семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, таҳлили вожагони ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забони англисӣ низ ошкор шудаанд.

Бояд ёдовар шуд, ки муаллифи диссертатсия вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф кардааст, ки мазмуну мухтавои диссертатсияро инъикос менамоянд ва ин нишондод шоистаи таҳсин аст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, 3 боб, 12 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар шакли хуб тибқи меъёри муайншудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, мухтавои таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзуи **«Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:** доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи
ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ,
қиёсӣ ва муқоисавӣ, декани факултети Кори фарматсевтии
Коллеҷи тиббии ноҳияи Б.Ғафуров
Мавлонов Шаҳзод Олимович «01» 09 соли 2025

Нишонӣ: 735700, ш. Хуҷанд, кӯчаи И. Сомонӣ, хонаи 203, хуҷраи 16
Тел.: (+992) 93-872-00-50
E-mail: m_shahzod94@mail.ru

Имзои Ш. Мавлоноврo
**“Тасдиқ мекунам”**
Мудири шуъбаи кадрҳои Коллеҷи
тиббии ноҳияи Б.Ғафуров
Усмонова Мавлуда Абдувалиевна
«01» сентябри соли 2025

**Нишонӣ:** 734019, н. Б.Ғафуров, кӯчаи Ленин, 15;
Тел.: (99234)4231094;
Сомона: www.ktgafurov.com; E-mail: email@ktgafurov.com;